# Вохӯрии намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Опубликовано 27 июля, 2023 - 17:33 пользователем Ҳайати тадорукот
[1]

Имрӯз дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вохӯрии намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Розиқзода Алихони Абдулҳаким ва Раҳимзода Шералӣ Амирхон бо

кормандони Кумита дар мавзуи “Шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия»” бо иштироки доираи васеи кормандон баргузор гардид.

Зимни баромад муовини раиси Кумита қайд намуданд, ки масъалаи муқовимат бо коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, ҳар яки моро водор месозад, ки дар масъалаи муқовимат бо коррупсия ва худдорӣ намудан аз ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа бетараф набошем. Ҳамзамон, номяндагони Агентӣ дар баромадашон зикр намуданд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир вобаста ба амалисозии сиёсати зиддикоррупсионӣ ва муқовимат ба коррупсия таваҷҷуҳи махсус дода шуда, Стратегия ва барномаҳои дахлдори муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудаанд.

Инчунин, вобаста ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия дар зарфи солҳои истиқлоли давлатӣ, роҳҳои пешгирии коррупсия ҳамчун чораи муқовимат ба коррупсия, ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, оқибатҳои номусоид ва ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои онҳо ва субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва субъектҳои муқовимат ба коррупсия ибрози андеша намуда, мафҳумҳои вазифаҳои давлатӣ ва мансабҳои давлатӣ, манфиати давлатӣ, истифода аз мақоми хизматӣ ё имконниятҳои он, доираи хешовандон ва дигар хавфҳо ва омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсияро шарҳу тавзеҳ доданд.

Илова бар ин, дар рафти вохӯрӣ  муовини раиси Кумита ва дигар роҳбарони сохторҳои Кумита суханронӣ намуда, ибрози андеша намуданд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ аз тарафи кормандони Кумита ба намояндаи Агентӣ саволҳо манзур гардида, ба онҳо посуххҳои мушаххас гирифтанд.

**Рейтинг контента:** 4

Средняя оценка: 4 (3 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

- 

-

http://istilohot.tj/sites/default/files/Korrupsiya.pdf

**Источник::**http://istilohot.tj/ru/node/6944

**Ссылки**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20230727_155326.jpg [2] http://istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_155237.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_155326.jpg [5] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_160158.jpg [6] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_160217.jpg [7] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_160300.jpg [8] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_160444.jpg [9] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20230727_160616.jpg